СОЛИ НАВАТОН МУБОРАК, ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ!

№12 (172)
29 декабри соли 2022

МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОН / АРХИТЕКТУРА И СТРОИТЕЛЬСТВО

binokoritoj@mail.ru
www.tajsohtmon.tj

РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН

Строительная газета

«РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН» 15 СОЛ 2007 - 2022

Аз августи соли 2007 нашр мешавад
Издаётся с августа 2007 года

Нашрияи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Издание Комитета по архитектуре и строительству при Правительстве Республики Таджикистан

15 сол бо шумоем!

ДАР ИН ШУМОРА:

ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН «ДАР БОРАИ САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶИИ ҶУМҲУРӢ»

>>> 9 >>>

ИФТИТОҲИ БИНОИ НАВИ ТАЪЛИМӢ ДАР ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

>>> 8 >>>

ТАБРИКОТИ МУОВИНИ ЯКУМИ РАИСИ КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН УМАРЗОДА УЛУҒБЕК ХУҶА БА МУНОСИБАТИ ФАРОРАСИИ СОЛИ НАВИ МЕЛОДИИ 2023

>>> 3 >>>

ЧАКОМАИ ЗИМИСТОНӢ

Суруру сур дар ҳар хонадон бод,
Муҳаббат ҷовидонӣ ҷовидон бод.
Баҳорон боду тобистону пойиз,
Зимистон ҳам агар омад, бимон бод.
Тамоми фаслҳо хубанд, эй дӯст,
Агар амну амонӣ ҳукмрон бод.
Гули саҳро хазон шуд гар, чи боке,
Гули умрат ҳамеша бехазон бод.
Ҷаҳон аз меҳрубонӣ сабз гардад,
Бимон, ҳар фарди дунё меҳрубон бод.
Бимон, ҳар фарди дунё бахт бинад,
Бимон, ҳар бахт доим гулфишон бод.
Маранҷ аз гирудори зиндагонӣ,
Ки дунё гаҳ чунину гаҳ чунон бод.
Худо як ҳол дорад, банда ҳар ҳол,
Худо ёри ту дар ҳар гирумон бод.
Суруру сур дар ҳар хонадон бод,
Зимистон ҳам агар омад, бимон бод!

Раънои МУБОРИЗ

ИФТИТОҲИ БИНОИ РАЁСАТИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

20 декабри соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бинои шуъбаи дар ноҳияи Сино будаи Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанберо мавриди истифодабарӣ қарор доданд

Иншооти нав аз панҷ ошёна ва таҳхона иборат буда, дар ошёнаҳои болоии он хонаҳои истиқоматии хизматӣ ҷой дода шудааст.

Бино дорои утоқҳои барҳавою замонавӣ буда, барои фаъолияти босамари кормандони шуъба мутобиқ мебошад.

Дар бинои нав ҳамчунин барои тамрини кормандони соҳа толори варзишӣ ташкил гардида, китобхонаи замонавӣ низ дар хизмати онҳо қарор дорад.

Зимни шиносоӣ кормандони шуъбаи амнияти ноҳияи Сино барои бунёди чунин иншооти замонавӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ ба Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои мусаллаҳи мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори миннатдорӣ намуданд.

Дар ҳамин ҷо Пешвои миллат калиди хонаҳои истиқоматиро ба оилаҳои кормандони ниҳоди мазкур дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе тақдим карданд.

Зимни боздид иттилоъ дода шуд, ки барои таъмини гармии дохили ҳуҷраҳои корӣ ва хонаҳои истиқоматӣ дегхонаи алоҳида бунёд гардида, ҳамчунин дигар шароити зарурии кор ва истиқомат фароҳам оварда шудааст.

Хонаҳои истиқоматӣ аз як ва ду ҳуҷра иборат буда, бо тамоми лавозимоти рӯзгор таъмин карда шудааст. Аз ҷумла, яхдон, мошини ҷомашӯӣ, қолин, телевизор ва дигар шароити зарурӣ дар хонаҳои навбунёд муҳайё карда шудааст. Ҳуҷраҳои барҳавои истиқоматӣ бо санъати баланду сифати аъло бунёд ёфта, ба пуррагӣ таъмири замонавӣ гардидааст.

Ҳамчунин дар саҳни бино майдончаи замонавии бозии кӯдакона насб шудааст.

ИФТИТОҲИ ҶДММ «ҚОЛИНҲОИ ДУШАНБЕ» ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

20 декабри соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар кӯчаи Зебунисои ноҳияи Шоҳмансури пойтахт Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Қолинҳои Душанбе»-ро мавриди истифода қарор доданд.

Корхонаи азими қолинбофӣ ба ифтихори 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Солҳои рушди саноат – 2022-2026» аз тарафи соҳибкори ватанӣ Наврӯз Абдуллоев бунёд гардидааст. Бо таъсис ва ба фаъолият оғоз намудани корхонаи нави истеҳсолӣ 500 нафар бо ҷои кор ва маоши хуб таъмин гардиданд. Фаъолияти корхонаи нави саноатӣ дар ду баст ба роҳ монда шуда, теъдоди зиёди кормандонро занону духтарони маҳаллӣ ташкил медиҳанд.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки дар корхонаи нави саноатӣ дар як шабонарӯз 4 ҳазору 500 метри мураббаъ қолин бо шаклу андозаҳои гуногун, нақшу нигор ва тарҳи милливу аврупоӣ истеҳсол карда мешавад. Иқтидори солонаи корхона 1 миллиону 500 ҳазор метри мураббаъ қолинро дар бар мегирад.

Дастгоҳу таҷҳизоти муосири қолинбофӣ аз ширкати машҳури «Вандевил»-и (VAN DE WIELE) Шоҳигарии Белгия ворид карда шудааст, ки мутахассисони тоҷик хатҳои истеҳсолиро васлу насб намуда, пурра идора менамоянд.

Ба таъкиди мутахассисон равандии истеҳсоли қолинҳо аз равона намудани ришта то бофандагию пардоздиҳӣ ва бастабандии маҳсулоти тайёр нуҳ марҳиларо дар бар мегирад.

Дастгоҳҳои замонавии қолинбофӣ ба таври механикӣ фаъолият мекунанд ва дар ҷараёни истеҳсолот қисме аз корҳо аз тарафи мутахассиони маҳаллӣ бо истифода аз таҷҳизоти ёрирасон иҷро карда мешаванд.

Ҳоло дар корхона истеҳсоли қолинҳо бо андозаҳои аз 1 то 5 метр паҳнӣ, аз 2 то 6 метр дарозӣ ва аз ин ҳам бештар вобаста ба талаботи бозорҳо ба роҳ монда шудааст. Бо дарназардошти завқу салиқа ва фармоиши мизоҷон дилхоҳ шаклу андозаи қолинҳо дар корхона истеҳсол карда хоҳад шуд.

Дар ҳудуди Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Қолинҳои Душанбе» бинои маъмурӣ ва меҳмонхонаи замонавӣ бунёд гардидааст. Дар бинои маъмурӣ барои кормандону мутахассисон ҳуҷраҳои барҳавои корӣ сохта шуда, бо мизу курсӣ ва таҷҳизоти муосир таъмин гардидааст.

Бо мақсади муаррифӣ ва дастрасии қолинҳо ба мизоҷон дар назди Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Қолинҳои Душанбе” мағозаи замонавии фурӯши маҳсулот таъсис ёфтааст.

www.president.tj

ТАБРИКОТИ

МУОВИНИ ЯКУМИ РАИСИ КУМИТАИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОНИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН УМАРЗОДА УЛУҒБЕК ХУҶА БА МУНОСИБАТИ ФАРОРАСИИ СОЛИ НАВИ МЕЛОДИИ 2023

Муҳтарам меъморону сохтмончиён ва лоиҳакашон, истеҳсолкунандагони масолеҳи сохтмон, собиқадорони соҳа, ҳамкасбони азиз!

Соли 2022-юми мелодӣ, ки дар хотири мардуми шарафманди Тоҷикистон ҳамчун соли заҳмати содиқонаву софдилона барои ободии Ватани соҳибихтиёрамон, амалӣ гардидани ҳадафҳои неки бунёдкорона ва дастовардҳои навбатии давлати соҳибистиқлоламон нақш хоҳад баст, анҷом меёбад ва Соли нави 2023-юми мелодиро бо умеду орзуҳои нек ва нияту нақшаҳои нави созанда истиқбол мегирем.

Аз номи ҳайати мушоваравии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз номи худам мехоҳам ҳамаи шуморо бо фарорасии Соли нави мелодии 2023, яъне соли идомаи корҳои созандагиву ободкорӣ ва амалӣ гардидани орзуву ормонҳои халқи тоҷик самимона табрик гуфта, ба ҳар кадоми шумо ва наздиконатон сиҳатмандиву рӯзгори осуда, иқболи нек ва зиндагии пурфайзу бобаракат орзу менамоям.

Соли 2022 барои халқи тоҷик басо соли хотирмон боқӣ мемонад. Дар зарфи як сол мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани садҳо иншооти нави таъиноти истеҳсоливу иҷтимоӣ - муассисаҳои таълимиву тандурустӣ, фарҳангиву варзишӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ гувоҳи равшани густариши ҷараёни созандагӣ ва ободонии кишвари азизамон мебошанд.

Чун анъана, дар ҷамъбасти ҳар сол ва дар остонаи соли нави мелодӣ ба Парлумони мамлакат ва дар симои он ба тамоми халқи кишвари худ паём ироа намудани Роҳбари давлат, яке аз рукнҳои муҳими давлати соҳибистиқлол ва яке аз рамзҳои асосии давлатдорӣ ба ҳисоб меравад.

Паёми имсолаи Пешвои муаззами миллат, ки рӯзи 23 декабри соли 2022 ба Маҷлиси Олӣ пешниҳод гардид, ҳамчун ҳуҷҷати фарогири таҳлилу баррасии амиқи тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат ва дурнамои рушди устувори кишварро дар ҳамаи самтҳо, аз бунёди инфрасохтори иқтисодиву иҷтимоӣ ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатӣ, рушди бахши хусусӣ, дастгирии ташаббусҳои соҳибкорон, ҳифзи манфиатҳои иқтисодии кишвар, истифодаи самараноку оқилонаи имконияту захираҳои мавҷуда, саноатикунонии кишвар, баланд бардоштани қобилияти рақобати истеҳсолоти ватанӣ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва дигарҳо иборат мебошад, дарбар мегирад. Таҳлили мазмуни умумии Паём нишон медиҳад, ки дар меҳвари он масъалаҳои таъмини зиндагии сазовор барои шаҳрвандони кишвар ва ғамхории васеъ нисбат ба ҳар як қишри ҷомеа қарор гирифтааст.

Дар Паёми имсолаи Пешвои миллат моҳияти равандҳои асосии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ арзёбии амиқ ёфта, маҷмӯи масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии мамлакат баррасии ҳамаҷониба гашта, барои рушди устувори ҳар як соҳа ва рафъи камбудиҳои ҷойдошта дар онҳо дастуру супоришҳо ва таклифу ҳидоятҳои зарурӣ дода шуданд.

Вобаста ба соҳаи сохтмону меъморӣ ва корҳои ободониву бунёдкорӣ дар шаҳру ноҳияҳо, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки бо дарназардошти афзоиш ёфтани аҳолӣ, инчунин, зиёд шудани талабот ба бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ ва манзилҳои истиқоматӣ бори дигар таъкид менамоям, ки роҳбарону мутахассисони Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти марбута ҳангоми бунёди иншооту биноҳо ба риояи ҳатмии қоидаву меъёрҳои шаҳрсозӣ ва сохтмон эътибори аввалиндараҷа зоҳир намоянд. Дар ин самт, зарур аст, ки истифодаи васеи унсурҳои меъмории милливу замонавӣ, технологияҳои муосир ва масолеҳи сифатноки сохтмон таъмин карда шавад.

Албатта, ҳамаи кормандони соҳаи сохтмон ва меъмории мамлакат дастуру супоришҳои баёншударо сармашқи кори худ намуда, дар асоси нақшаи чорабиниҳо барои таъмини иҷрои он кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Сохтмончиён ва меъморони кишвар дар пайравӣ аз кору пайкори созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди бинову иншооти муосири мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ ва бо тарҳу услуби хоси миллӣ дар қаламрави кишвар аз тамоми имкониятҳо самаранок истифода карда истодаанд.

Мо бояд равандии созандагиву бунёдкориро пайваста ҳадафи асосии худ қарор дода, истифодаи самараноки ҳамаи воситаву захираҳои мавҷударо барои идома додани корҳои созандагӣ, рушди устувори иқтисодӣ, ободии диёр ва таҳкими имкониятҳои воқеии кишварамон таъмин намоем.

Бори дигар ҳамаи шумо - дӯстони азиз, ҳамкасбон, собиқадорони соҳаи сохтмон ва меъмории мамлакатро бо фарорасии Соли нави мелодии 2023 муборакбод гуфта, барояш саломатӣ, барору комёбиҳо ва дар фаъолияти касбиятон барои шукуфоии Ватани азизамон муваффақиятҳои беназиру дастовардҳои нав ба нав орзу менамоям.

Соли Наватон муборак бошад,
ҳамкасбони гиромӣ!

НБО «НОРАК» 50-СОЛА ШУД

Ин иншооти бузурги гидроэнергетикӣ дар ҳифзи масъалаҳои марбут ба ҳифзи муҳити зист ва танзими захираҳои обӣ нақши муассир дорад



«Неругоҳи барқи обии «Норак», ҳамчун иншооти муҳими аҳамияти стратегӣ дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар нақши муассир дошта, дар зарфи 50 соли фаъолияташ сарбанди неругоҳ бо мустаҳкамиву бехатариаш, ки ҷавобгӯи меъёрҳои байналмилалист, дар ҷаҳон яке аз беҳтарин садди обӣ маҳсуб меёбад». Чунин гуфт дар ҷараёни боздиди намояндагони маҳфили экожурналистон аз сарбанд ва обанбори НБО «Норак» сардори Раёсати назорати давлатӣ ва ҳифзи захирҳои оби Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати ҷумҳурӣ Саидисмон Судуров.

Боздиди хабарнигорон аз ин иншооти муҳими гидроэнергетикии кишвар бо ибтикори Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи чорабиниҳои Даҳсолаи байналмилалии «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» ва татбиқи «Барномаи давлатии комплексии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сурат гирифта, ҳадафаш шиносоӣ бо захираҳои обӣ ва иқтидори энергетикии мамлакат дар мисоли НБО «Норак» ва инъикоси он дар ВАО мебошад.

Доир ба аҳамияти ин иншооти бузурги стратегӣ, нақши он дар рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди Тоҷикистон ва захираҳои бойи обии кишвар Саидисмон Судуров ва масъулини НБО «Норак» ба хабарнигорон маълумоти мукаммал пешниҳод намуданд. Зикр шуд, ки Неругоҳи барқи обии «Норак» дар маҷрои дарёи Вахш дар ҷануби Тоҷикистон бо иқтидори 3015 МВт бунёд гардида, яке аз бузургтарин иншооти гидроэнергетикӣ дар Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбад. Неругоҳи «Норак» дар маҷрои дарёи Вахш дар ҷануби Тоҷикистон бо иқтидори 3015 МВт бунёд гардидааст. Сохтмони сарбанди неругоҳ соли 1961 оғоз гардида, аз 9 агрегат иборат мебошад. Агрегати аввалини он соли 1972 ва то соли 1979 ҳамаи агрегатҳои неругоҳ ба истифода дода шуданд, ки иқтидори ҳар яки онҳо 300 МВт мебошад.

Таъкид шуд, ки дар бунёди сарбанди НБО «Норак», ки 54,2 миллион метри мукааб сангу хоки табиӣ истифода шудааст, бо баландии 300 метр ва дарозии 700 метр дар ҷаҳон яке аз баландтарин сарбанди гидроэнергетикӣ ба шумор меравад. Обанбори «Норак» 70 километр дарозӣ ва 98 километри мураббаъ масоҳат дошта, ғунҷоиши обаш 10,5 километри кубӣ ва умқи миёнаи обанбор 107 метр мебошад.

Бунёди НБО «Норак» дар рушу пешрафти иқтисоди Тоҷикистон, танзими захираҳои обӣ дар минтақа, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои бойи обии мамлакат дар дарёи Вахш ва истеҳсоли неруи барқи аз лиҳози экологӣ тоза мусоидат намуд. Бо сохтмони неругоҳ, дар ҷануби Тоҷикистон шаҳри Норак бунёд гардида, он ба яке аз шаҳрҳои сайёҳии Тоҷикистон, шаҳри дӯстиву бародарӣ ва энергетикҳо табдил гардид. Инчунин бо бунёди НБО «Норак» дар ҷумҳурӣ корхонаҳои азими саноатӣ, назири корхонаи алюминий дар шаҳри Турсунзода, заводи кимёвии Ёвон, заводи азотии Вахш сохта шуд, ки ба рушди соҳаи саноат ва дар маҷмӯъ иқтисоди кишвар такони бузург бахшид.

Марзия САИДЗОДА

ҲАМКОРИҲОИ ДУҶОНИБА ДАР СОҲАИ СОХТМОН

12 декабр муовини якуми Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Улуғбек Умарзода бо Президенти Ташкилоти миллии бинокорони "НОСТРОЙ"-и Федератсияи Россия Глушков А. ва Кирилкин Д. - мушовири Президенти ТМБ "НОСТРОЙ", Парикова Е. - директори рушд, роҳбари дафтари лоиҳа ва Кореньков Е. - фиристодаи намояндагии савдои Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ӯро ҳамроҳӣ менамуданд, вохӯрӣ доир намуд.

Дар ин вохӯрии дӯстона ҳамчунин Абдураҳмон Каримзода - муовини Раиси Кумита, Шамсиддинзода Т. - директори ҶСК "Шаҳрофар", Шарифзода Д. - директори КВД "Лоиҳакаш", Саломзода М. - директори КВД ПИТ "Сохтмон ва меъморӣ", Мализода Б. - директори ҶСК "Саноатсоз", Каримов Э. - директори ҶСК "Корезлоиҳа", Исоқов М. - Раиси Раёсати "Ассотсиатсияи бинокорони Тоҷикистон", Оқилов С. директори "Ассотсиатсияи бинокорони Тоҷикистон" ширкат намуданд.

Зимни мулоқот Улуғбек Умарзода меҳмононро барои ташрифашон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳайрамақдам гуфта, онҳоро бо фаъолияти Кумита ва дастовардҳои дар таи чанд соли охир ба даст омада шинос намуд.

Ҳадафи асосии мулоқот ба танзим даровардани масоили техникӣ ва маъмурӣ гардид. Тарафҳо ба масъалаҳои таъмини бехатарӣ ва сифати баланди бунёди бино ва иншоот ва таъмини назорати давлатии сифати сохтмонҳо диққати махсус доданд.

- "Барои ҳамкории муваффақ ва коҳиши монеаҳои маъмурӣ ҳангоми ташкили кори мутахассисон дар бозорҳои кишварҳои ҳам Тоҷикистон ва ҳам Россия боядкорҳо оид ба дақиқсозии тамоми меъёрҳои расмиётро анҷом диҳанд", - таъкид кард Антон Глушков. Номбурда ба ҳамкасбони тоҷики худ таҷрибаи русии ислоҳоти низоми нархгузорӣ дар соҳаи сохтмонро нақл карда, дар бораи гузаштан ба усули захиравӣ -индексӣ барои муайян кардани арзиши сметавии сохтмон сухан гуфт.

Зимни сӯҳбат тарафҳо масъалаҳои омода намудани мутахассисони касбии соҳаи сохтмонро муфассал муҳокима карданд. Аз чумла, масъалаҳои такмил додани барномаҳои маълумоти олӣ дар соҳаи сохтмон ва зарурияти якҷоя кардани ҷидду ҷаҳди ба ҳам мувофиқкунонӣ, инчунин фароҳам овардани шароит барои роҳнамоии касбӣ аз рӯи ихтисосҳои бинокорӣ ва ислоҳоти низоми нархгузорӣ, ҳамкориҳои донишгоҳҳои тахассусии ду кишвар ва омода намудани мутахассисон дар бахшҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат табодули афкор намуданд.

Ҷонибҳо ҳамчунин имкони истифодаи расмиёти мустақили тахассусии НОСТРОЙ-ро барои шаҳрвандони Тоҷикистон баррасӣ карданд, ки имкон медиҳад сатҳи омодагии касбию тахассусии онҳоро муайян карда, мувофиқи он ширкатҳои сохтмонии Россия аз рӯи ихтисосҳои мушаххас бо кор таъмин намоянд. Оид ба ин масъала А. Глушков зикр намуд, ки дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯ масъалаи таъсиси механизми арзёбии тахассуси шаҳрвандони Тоҷикистонро, ки дар соҳаи сохтмон дар қаламрави Россия кор мекунанд, дар системаи тасдиқи тахассусии НОСТРОЙ баррасӣ кардааст.

Сипас, Антон Глушков ҳамкориҳоро дар самтҳои зерин пешниҳод намуд:

1) таҳияи якҷояи пешниҳодҳои мувофиқашуда оид ба ташаккули фазои мусоиди соҳибкорӣ ва шароити соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон;

2) иштироки муштарак дар таҳия ва қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва касбӣ дар соҳаи сохтмон нигаронида шудаанд;

3) иштирок дар таҳия ва тасдиқи низомномаҳо ва стандартҳои ободонии шаҳр, истифодаи масолеҳу конструксияҳои бинокорие, ки ба сифат, арзиш ва муҳлати сохтмони манзил таъсири мусбат мерасонанд;

4) андешидани чораҳо оид ба рафъи монеаҳои маъмурӣ, аз ҷумла, ҳангоми амалисозии фаъолияти сохтмон ва муқовимат ба рақобати ноадолатона дар бозори иҷрои кор ва хизматрасонӣ дар соҳаи сохтмон;

5) мусоидат дар омода ва тарбия намудани кадрҳои баландихтисоси тоҷикистонӣ.

Дар анҷоми вохурӣ баъди мубодилаи афкор ва бо назардошти тамоми шарт ва имкониятҳои пешниҳодкардаи иттиҳодияи миллии бинокорони "НОСТРОЙ"дар соҳаи сохтмон, тарарфҳо ба хулосае омаданд, ки минбаъд дар ин самтҳо ҳамкориҳоро ба роҳ хоҳанд монд.

Д. ТАБАРОВА, «РБ»

ПАЛАТАИ ҲИСОБ ТАВСИЯ МЕДИҲАД

Санаи 21 декабр дар толори калони Кумита бо иштироки масъулини Палатаи ҳисоб - Бахтиёр Ёрзода -сардори шуъбаи Палатаи ҳисоб ва Фирӯз Эмомзода - мутахассиси пешбари Палатаи ҳисоб ҷаласа доир гардид, ки дар он натиҷаҳои санҷиши аудити молиявии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои он мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Дар ҷаласа муовини раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳмон Каримзода, роҳбарони аввал ва сармуҳосибони корхона ва зерташкилотҳои Кумита иштирок намуданд.

Намояндаи Палатаи ҳисоб зимни суханронии худ изҳор намуд, ки аз ҷониби гуруҳи кории мутахассисони Палатаи ҳисоб аудити молиявӣ дар Дастгоҳи марказии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои тобеи он гузаронида шуд.

Мақсад аз гузаронидани аудити молиявӣ пеш аз ҳама ошкор ва ислоҳ намудани камбудӣ ва норасоиҳо, пешгирии ҳолатҳои даст задан ба кирдорҳои коррупсионӣ ва ғайримақсаднок истифодабарии воситаҳои буҷетӣ, арзёбии дуруст бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ, пешниҳоди хулосаву тавсияҳои судманд оид ба қоидавайронкуниҳои молиявӣ мебошад.

Дар натиҷи гузаронидани аудити молиявӣ дар Дастгоҳи марказии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои тобеи он дар базе мавриди қоидавайронкуниҳои молиявӣ ошкор гардида, тафсилоти он дар ҳисоботҳои аудиторӣ фаъолияти молиявию хоҷагидории корхонаву муассисаҳо дарҷ гардиданд.

Баъд аз анҷомрасии аудит бо назардошти камбудию қоидавайронкуниҳои молиявии ошкоргардида тибқи муқаррароти моддаи 24-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба масъулини Дастгоҳи марказии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои тобеи он тавсияҳои зерин дода шуданд:

- натиҷаҳои аудити молиявии Дастгоҳи марказии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои тобеи он мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҷиҳати бартараф намудани қоидаҳои молиявии ҷойдошта, пешгирии онҳо ва минбаъд оид ба самаранок истифода бурдани маблағҳои давлатӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд;

- ҷиҳати беҳтар намудани ҳисоботҳои муҳосибавӣ талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба барӯйхатгирии амвол ва ӯҳдадориҳои молиявӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавиро қатъиян риоя намуда, ҷиҳати дуруст таҳия намудани ҳисоботҳои корхонаҳо

чораҳои амалӣ андешида шаванд;

-ҳангоми қабули корҳои таъмиру сохтмонӣ ба сифат ва ҳаҷми ҳақиқии он диққати ҷиддӣ зоҳир намуда, дар ин самт масъулияти шахсони мутасаддӣ муайян карда шуда, ба изофанависии арзиш ва харҷи корҳои таъмиру сохтмонӣ ва корҳои лоиҳакашӣ хотима дода шавад;

-зимни таҳия ва пешниҳоди сметаи хароҷотӣ маблағгузории моддаҳои хароҷотӣ аз рӯи талаботи ҳақиқӣ ва бо назардошти варақаҳои бақиявию маблағи қарзҳои дебиторию кредиторӣ ба нақша гирифта шаванд;

- дар фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ талаботҳои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.10.2008, №531 ва 03.06.2014, №352 «Дар бораи пардохти хароҷотҳои сафари хизматии хизматчиёни давлатӣ ва кормандони корхонаҳо, идораҳо ва муассисаҳои давлатӣ ба мамлакатҳои хориҷи дуру наздик ва инчунин дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро риоя кунанд;

- нисбат ба шахсони масъул, ки ба қоидавайронкуниҳои молиявии дар боло овардашуда роҳ додаанд, чораҳои зарурӣ андешида шаванд.

Вобаста ба тавсияҳои додаи Палатаи ҳисоб кормандони Кумита аз натиҷаи иҷрои супоришҳои додашуда ҳисобот дода, изҳори боварӣ намуданд, ки дар оянда дар фаъолияти кории худ тавсияҳои Палатаи ҳисобро ба инобат мегиранд.

Д. НУРЗОДА

ҲАДЯИ СОЛИНАВИИ КУМИТА

Мутобиқи амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 майи соли 2022, №АП-188 роҳбарияти Кумита бо мақсади омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни 35-солагии Истиқлолии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташкил ва назорати иҷрои корҳо дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон вобаста карда шудааст.

Гурӯҳи кории Кумита мунтазам аз вазъи ҷамоатҳои деҳот ва шаҳраки Абдураҳмони Ҷомӣ шинос шуда, мушкилиҳои ҷойдоштаро мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода, ҳаллу фасл намуда истодаанд.

Қобили қайд аст, ки дар асоси супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 декабри соли 2022, №24/10-67 бо мақсади амалӣ намудани дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам

Эмомалӣ Раҳмон оид ба дастгирии моддӣ ва маънавии афсарону сарбозоне, ки ба ҳифзу ҳимояи Модар-Ватан машғуланд, дар асоси фармоиши Кумита аз 14 декабри соли 2022, №138/ф дар арафаи Соли нави мелодии 2023 ба қисми низомии қӯшунҳои хушкигарди №87740 Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ кӯмаки моддӣ, аз ҷумла пиёз 300 кг, сабзӣ 300 кг, картошка 400 кг, равған 50 литр, орд 250 кг, биринҷ 60 кг, мевагӣ 70 кг, обҳои ранга 100 адад, бо ташкили дастархони идона, хӯрокҳои якум ва дуюм, инчунин чорабинии фарҳангӣ бо иштироки ҳунармандони варзида санаи 27 декабри соли 2022 дар вазъияти тантанавӣ ташкил ва супорида шуд.

"РБ"

НАЗОРАТИ СОХТМОН МАНФИАТҲО ВА ҲУҚУҚҲОИ ШАҲРВАНДОНРО ҲИМОЯТ МЕКУНАД

Хабарнигори мо бо Абдураҳимзода Парвиз Абдураҳим сардори Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмони Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрда, аз ӯ хоҳиш намуд, ки ба таври фишурда дар бораи дастовардҳои Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмони Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чанд сухан бигӯяд.

- Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, фаъолияти худро мустақиман ва дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ амалӣ намуда, идоракунӣ ва назоратро дар соҳаи меъморӣ ва сохтмонӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ анҷом медиҳад.

Дар аввал бояд қайд кард, ки вазифаҳои асосии назорати сохтмон ва меъморӣ маҳз баҳри ҳимоя манфиатҳои ҳуқуқҳои шаҳрвандон равона гардида, баҳри рушди соҳаи сохтмон саҳмгузори бузург мебошад.

Нигарем ба таърих, соли 1992 бо мақсади идоракунӣ ва назорат дар соҳаи меъморӣ ва сохтмон дар қаламрави ҷумҳурӣ Инспексияи давлатии сохтмони Кумитаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меъморӣ ва сохтмон бо қарори Девони вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 марти соли 1992, таҳти №87 таъсис гардида, соли 1997 дар заминаи он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 декабри соли 1997 Бозрасии давлатии сохтмони Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис гашт.

Соли 2014 дар натиҷаи такмили сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 сентябри соли 2014, №586 бозрасӣ ба Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ ба миқдори 48 воҳиди корӣ (ба ғайр аз ҳайати хизматрасон) табдил дода шуд.

Ҷаримаҳои таъингардида

Баъдан бо назардошти ба маротиб зиёд гаштани шумораи иншооти сохташаванда дар ҳудуди ҷумҳурӣ нисбат ба солҳои гузашта ва бобати ба таври дахлдор ва назаррас ба роҳ мондани вазифаҳои низомномавӣ бо қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон воҳидҳои кории Хадамот зиёд гардида, он 61 ададро ташкил дод.

- Баҳри рушди соҳаи назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ дар соли 2022 чӣ тадбирҳо андешида шуданд?

Мехоҳам ёдрас шавам, ки баҳри пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, яъне кирдори (амал ё беамалии) зиддиҳуқуқӣ ва гунаҳконаи шахси воқеӣ, мансабдор ё ҳуқуқӣ барои вайрон кардани қонунвайронкунии соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ ҷавобгарии маъмурӣ дар намуди ҷарима мутобиқи моддаҳои 407-436, 438-447 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, тибқи талаботи моддаи 116 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷомдиҳии он дар зиммаи хадамот мебошад.

Маҳз бо мақсади коҳиши ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 январи соли 2018 №1477 ва такроран 17 декабри соли 2020, №1727 санксияи моддаҳои алоҳидаи Кодекси зикргардида барои вайрон кардани қонунвайронкунии соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ ҷавобгарии маъмурӣ зиёд карда шуда, дар натиҷа ҷаримаҳо афзоиш ёфтаанд.

Ичунин, соли 2022 баҳри мутобиқгардонӣ ба талаботи замони муосири корӣ ва густариши раванди рақамикунонӣ барномаи электронии «Коргузор» ба роҳ монда шуда, иҷрои саривақтии асноди воридгардида зери назорати саривақтӣ қарор доранд.

- Соли 2022-ро бо кадом дастовардҳо ҷамъбаст намудед?

Дар соли 2022 шумораи бунёди бинову иншоот дар қаламравӣ ҷумҳурӣ нисбат ба солҳои 2019 ва 2020 кам шуда бошад ҳам, ҷаримаҳои таъингардида афзоиш ёфтааст (диаграммаи 1: Ҷаримаҳои таъингардида).

Дар таблитсаи нишондодашуда шумораи умумии камбудиҳои ошкоргардида нисбат ба соли 2017 зиёд нашуда бошанд ҳам, миқдори умумии ҷаримаҳои таъингардида тақрибан 1 маротиба зиёд шуда, он дар соли 2022 1 млн. 186 ҳазору 252 сомониро ташкил дод.

Шумораи бинову иншооти дар қаламрави ҷумҳурӣ бунёдшаванда бидуни хулосаи экспертизаи давлатӣ ва қарори дахлдор нисбат ба солҳои 2017-2019 дар соли 2022 ба маротиб кам гашта, соли ҷорӣ шумораи иншооти бидуни қарори дахлдор оғозгардида 10 ададро ташкил дод.

Ҳоло ки дар арафаи Соли нави 2023 қарор дорем, аз фурсати муносиб истифода бурда, мехоҳам тавассути “Рӯзномаи бинокорон” меъморӣ ва шаҳрсозӣ, ҳамкасбон, тамоми меъморон ва бинокоронро бо фарорасии Соли нав табрик намуда, ба хонадони онҳо саломативу хушҳолӣ, барору комёбӣ ва осоиши рӯзгорро таманно намоям.

Шумораи бинову иншоот дар қаламрави ҷумҳурӣ бидуни хулосаи экспертиза ва қарори дахлдор оғозгардида



“РБ”

Дар арафаи Соли Нави мелодӣ бо сардори Раёсати экспертизаи давлатии ғайриидоравии лоиҳаҳои сохтмони Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ашурзода Бахтиёр Саидқул суҳбате доштем, ки онро пешкаши хонандагони рӯзнома мегардонем.

БА СОЛИ НАВ БО НЕРӮИ НАВУ СОЗАНДА

- Аз фаъолияти Шумо дар ин вазифа расо як сол гузашт. Лутфан бигӯед, ки Раёсат дар ин муддат таҳти роҳбарии Шумо ба чӣ комёбиҳо ноил гардид?

- Раёсати экспертизаи давлатии ғайриидоравии ҳуҷҷатҳои лоиҳавии шаҳрсозӣ фаъолияти хешро дар асоси Низомнома пеш мебарад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 сентябри соли 2014, №585 тасдиқ карда шудааст. Дар асоси Низомномаи мазкур Раёсати экспертизаи давлатӣ мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки экспертизаи давлатии баҳисобгирӣ ва ё асосноккунии техникию иқтисодии лоиҳаҳоро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сохтмон, таҷдид ва аз нав таҷҳизонии техникии корхонаҳову бинову иншоотро новобаста аз манбаи маблағгузорӣ ва шакли моликияти онҳо амалӣ менамояд.

Экспертизаи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ дар асоси «Тартиби ташкил ва гузаронидани экспертизаи давлатии ҳуҷҷатҳои лоиҳавии шаҳрсозӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 2014, №187, тасдиқ шудааст, Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёру қоидаҳои шаҳрсозии ҷумҳурӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гузаронида шуда, дар раванди он мутобиқати қарорҳои лоиҳавӣ ба талаботҳои санитарию эпидемиологӣ, экологӣ, бехатарӣ аз сӯхтор, бехатарӣ ва пойдории конструксияҳо, ҳифзи мероси фарҳангӣ ва дигар талаботҳои регламентҳои соҳаи шаҳрсозӣ муайян гардида, аз натиҷаи баррасии лоиҳаҳо ба Фармоишгарон хулосаҳои мувофиқи экспертизаи давлатӣ (мусбат ё манфӣ) пешниҳод карда мешавад.

Ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти соли 2022 муайян намуд, ки дар ин муддат барои баррасӣ 697 адад ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ворид гардидааст, ки аз ҳамин давраи соли гузашта пешниҳоди лоиҳаҳо 29 адад зиёд гардидааст. Аз шумораи зикршудаи лоиҳаҳои пешниҳодшуда, ба 587 лоиҳа хулосаҳои мусбати экспертӣ, ба 13 адад хулосаҳои манфӣ, баррасии 11 лоиҳаи корӣ аз эътибор соқит, баррасии 25 лоиҳаи корӣ мавқуф ва 89 лоиҳаҳои дигар дар раванди баррасӣ қарор доранд.

Кормандони Раёсати экспертизаи давлатӣ, дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро, ки ба соҳаи шаҳрсозӣ ҳангоми ба истифода додани бинову иншоот дода мешаванд, сармашқи кори худ намуда, баҳри иҷроиши саривақтии уҳдадориҳои мансабӣ сайъ намуда истодаанд.

- Дар Раёсат чӣ навгониҳоро ба роҳ мондед?

Раёсати экспертизаи давлатӣ яке аз аввалин ташкилотҳои Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки барои таҳкими фаъолияти кории худ барномаи компютерии дохилиидоравии «Коргузор»-ро тарҳрезӣ намудааст, ки аллакай се сол боз мавриди истифода қарор дорад. Тибқи барномаи мазкур, ки дар ҳама компютерҳои кормандони дахлдор ва роҳбарият гузошта шудааст, воридоту гардиши ҳуҷҷатҳо (лоиҳаҳо), муҳлатҳои бақайдгирӣ ва ташхиси лоиҳаҳо, тасдиқи рӯйхати экспертони соҳавию пешбар, бастани шартномаҳо ва воридшавии маблағи онҳо, муҳлатҳои омодашавӣ ва ирсоли хулосаҳои ҷузъӣ барои ислоҳкунӣ, барои тасдиқ пешниҳод шудани хулосаҳои ниҳоии экспертизаи давлатӣ, санаи воридшавии хулосаҳо ба бойгонӣ ва пуррагии муҳтавои онҳо, худкоран назорат карда мешаванд.

Барои беҳтар гардонидани сатҳи ташхис ва гузаштан ба васоити иттилоотии рақамӣ, дар корхона дар баробари мавҷуд будани бойгонии асосӣ, инчунин бойгонии электронии маводҳои аз ташхис гузашта ташкил шудааст. Мақсад аз ташкили чунин махзан ин саривақт дастрас кардани маводҳои зарурӣ ва додани маълумотҳои лозима дар асоси дархосту супоришҳои мақомоти дахлдор дар ҳолатҳои баҳсталаб мебошад.

Таҷрибаи пешқадами мақомҳои экспертизаи Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Федератсияи Россия, Белорус ва дигар ҷумҳуриҳоро ба инобат гирифта, дар асоси супориши Кумита тасмим гирифта шудааст, ки марҳила ба марҳила ба раванди электронии пешниҳод ва қабули ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ гузарад. Роҳандозӣ ва гузаштан ба усули мазкур, аз марҳилаҳо иборат буда, бо таври маҷмуӣ ва қадам ба қадам иҷро гардида, пас аз равандҳои таҷрибавӣ тамоми фаъолиятро фаро мегирад. Омӯзиши таҷрибаи ташкилотҳои экспертии ба ин тарзи корбарӣ гузашта, муайян намуд, ки ҳангоми роҳандозии низоми электронии қабул ва баррасии лоиҳаҳо, масъалаи чопкунии лоиҳаҳо дар марҳилаҳои то ва баъди анҷоми ташхис, сарфаи вақт, қоғаз, ҷой ва дигар паҳлуҳои он, таъсири мусбат дошта, бо назардошти ташаккули технологияи рақамию иттилоотӣ дар бисёр давлатҳо, аллакай чунин тарзи коргузорӣ маъмул мебошад. Барои пурра гузаштан ба чунин усул аз ҷониби мутахассисони мо механизми роҳандозии он аз ибтидо то фаъолияти пурра, эҳтиёҷот ба таҳҳизот ва дигар омилҳо зина ба зина таҳия шуда истодааст.

Бо назардошти иҷроиши супориши болозикр ва бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2011, №166 “Дар бораи Тартиби талаботи ягона ба веб-сайт ва шабакаи маҳдуди баҳисобгирии мақомоти идораи давлатӣ” дар Раёсати экспертизаи давлатӣ соли ҷорӣ сомонаи expertiza.tj ба фаъолият оғоз намуд, ки барои гузаштан ба иртиботи электронӣ ва инчунин ҳамчун пойгоҳ (портал) барои пешниҳоди электронии лоиҳаҳо истифода карда мешавад.

Дар соли ҷорӣ, Раёсати экспертизаи давлатӣ дар ҳамҷоягӣ бо ФАУ «Главгосэкспертиза»-и Федератсияи Россия бори аввал экспертизаи байнидавлатии лоиҳаҳои сохтмони панҷ мактабҳои таҳсилоташон бо забони русӣ, ки дар шаҳрҳои калони ҷумҳурии мо сохта шуда истодаанд, гузаронид, ки чунин таҷриба бори аввал мебошад. Тибқи Тартиби гузарондани экспертизаи байнидавлатии лоиҳаҳо, лоиҳаҳои қисмҳои техникӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти муҳандисии ин лоиҳаҳо аз ҷониби мутахассисони Раёсати экспертизаи давлатӣ ва қисми харҷномавии ин лоиҳаҳо аз ҷониби мутахассисони ФАУ «Главгосэкспертиза»-и Федератсияи Россия таҳлил гардида, аз натиҷаи ҳамаи қисмҳои лоиҳавӣ хулосаҳои маҷмӯии мусбии экспертизаи байнидавлатӣ, ки аз ҷониби Раиси Кумита тасдиқ гардид, пешниҳод карда шуд.

- Дар бораи дастгирии мутахассисони ҷавон чӣ гуфтаниҳо доред?

- Барои пурра фаро гирифтани лоиҳаҳо бо мутахассисони соҳавии таҷрибадор, баланд бардоштани сатҳу сифати ташхиси ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва омодакунии мутахассисони ҷавон дар КВД “Ташхисгар” шуъбаҳои нави ташхиси соҳавии лоиҳаҳо, ба монанди шуъбаҳои ташхиси лоиҳаҳои шабакаи муҳандисӣ, технологияҳои иттилоотии коммуникатсионӣ, барқ ва алоқа, шуъбаи роҳҳо, пул ва нақбҳо ва ғайраҳо ташкил гардида, вобаста аз қобилияту дониши ҳар як мутахассис нисбати онҳо чораҳои ҳавасмандгардонӣ ба монанди гузаронидан ба вазифаҳои баландтар, пардохти мукофотпулӣ ва сипосномаҳо қадрдонӣ карда шудаанд.

- Ҳамкориҳо бо ҳамкасбон ва мутахассисони ҷумҳуриҳои бародар чӣ гуна ба роҳ монда шудааст?

- Бояд қайд намуд, ки ҳангоми гузаронидани экспертизаи байнидавлатӣ байни мутахассисони Раёсати экспертизаи давлатӣ ва ҳамкасбону роҳбарияти ФАУ, “Главгосэкспертиза” робитаи зичи ҳамкорӣ пайдо гардид, ки дар натиҷаи он мутахассисони моро барои иштирок дар конференсияи байналмилалии соҳавӣ, ки 19-21 октябри соли ҷорӣ дар шаҳри Екатеренбурги Федератсияи Россия баргузор гардид, даъват намуданд. Гуруҳи мутахассисони Раёсати экспертизаи давлатӣ дар ҳайати 2 нафар (Сорбони Шамолиддин, Лутфулло Маҳмудзода) дар чорабинии мазкур, аз ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Белорусия, Арманистон, Озорбойҷон, Туркманистон, Узбекистон ва дигар филиалҳои минтақавии “Главгосэкспертиза” низ ҳузур доштанд, бо таври воқеӣ сафарбар шуда, ба ҳамкасбони худ аз мақомотҳои экспертизаи ҷумҳуриҳои болозикр дар ҳошияи Конференсия мулоқотҳои судманд дар самти таҳкими ҳамкориҳо ва ташкили шароит барои омӯзиши таҷрибаҳои пешқадами соҳаи экспертизаи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ анҷом доданд.

Дар чорабинии мазкур, инчунин суҳбатҳои хоса бо сардор, муовинон ва роҳбарони филиалҳои ФАУ “Главгосэкспертиза”-и Федератсияи Россия оид ба натиҷаҳои экспертизаи байнидавлатӣ, фаъол намудани раванди ҳамкорӣ, ташкили пойгоҳи омӯзишӣ дар идораҳои онҳо, инчунин табодули таҷрибаи андухтаи онҳо барои гузариш ба усули электронии ташхис анҷом дода шудаанд.

- Ташаккур барои суҳбат. Соли навро ба шумо ва ба тамоми кормандони Раёсат таҳният мегӯям.

- Ташаккур. Ман низ мехоҳам тамоми ҳамкасбон ва онҳоеро, ки бо мо ҳамкорӣ мекунанд ва баҳри ободии Ватани азиз саҳмгузоранд, бо фарорасии Соли нави мелодӣ самимона табрик намуда, дастоварду музаффарият, дастархони пур аз нозу неъмат ва саломатию хотирҷамъиро орзу намоям!

Мусоҳиб Д. НУРЗОДА,
“РБ”

ИФТИТОҲИ БИНОИ НАВИ ТАЪЛИМӢ ДАР ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

20 декабри соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Синои пойтахт бинои нави таълимии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро ба истифода доданд.

Бинои нави таълимӣ дар доираи нақшаи чорабиниҳо ба ифтихори 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар асоси стандартҳои муосири байналмилалӣ дар партави сиёсати маорифпарвароаи роҳбарияти олии давлат ва Ҳукумати мамлакат аз ҳисоби маблағҳои махсуси донишгоҳ бо тарҳу лоиҳаи муосир ва бо дарназардошти унсурҳои меъмории миллӣ бо сифати баланд бунёд гардида, аз таҳхона ва 5 ошёна иборат аст.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки бинои нав барои 6 ҳазор ҷойи нишаст дар ду баст пешбинӣ гардида, дорои 66 синфхонаи барҳавои лексионӣ, аз ҷумла озмоишгоҳҳои кафедраи фаъолияти гумрукӣ, иқтисоди рақамӣ, маркази бонки таълимӣ ва шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим, 25 ҳуҷраи корӣ, 4 толори конфронсӣ, лексионӣ, шӯрои диссертатсионӣ ва дигар иншооти ёрирасон мебошад. Ҳамчунин дар бино ду лифти замонавӣ насб гардидааст.

Зимни шиносоӣ бо имконоти фароҳамгардида дар Озмоишгоҳи таълимии кафедраи фаъолияти гумрукӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастгоҳу таҷҳизоти замонавии омӯзишӣ, ки таҷрибаи нахустин дар муассисаҳои олии таълимии мамлакат мебошад, таваҷҷуҳ намуда, истифодаи пурсамари шароити мавҷударо аз омӯзгорону донишҷӯён талаб намуданд.

Дар ин синфхонаи муҷаҳҳази таълимӣ барои гузаронидани машғулиятҳои амалии донишҷӯён, аз ҷумла дастгоҳи навини муоинаи рентгенӣ, камераҳои мушоҳидавӣ,

роҳравҳои сурху сабзи ишоратӣ дар хати сарҳад, металло-детектор, монитор ва дигар воситаҳои таълимии соҳавӣ гузошта шудааст.

Донишҷӯён имкон доранд, ки дар ин синфхона дар асоси татбиқи донишҳои назариявӣ дар амалия бо фаъолияти гумрукӣ бештар ошно гардида, ҳамчун мутахассис оянда кору фаъолияти босамар намоянд.

Бо таъсиси озмоишгоҳи таълимию таҷрибавии иқтисодиёти рақамӣ дар бинои нави таълимии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар асоси талаботи муосир сифат ва самаранокии ин фанни таълимӣ ба маротиб баланд бардошта мешавад.

Чунки дар ин озмоишгоҳ таҷҳизоти муосири информатсионию коммуникатсионӣ, дастгоҳҳои сабти видео ва аудиолексияҳо насб карда шуда, аз нигоҳи технологӣ ва методӣ маркази мукаммалу замонавии таълимию таҷрибавӣ ба шумор меравад.

Таъсиси ин озмоишгоҳ имкон медиҳад, ки минбаъд раванди рақамикунонии фанҳои таълимӣ, таҳияи наворҳои иттилоотию иртиботӣ, аудио ва видеолексияҳо тақвият бахшида шуда, ин усули самарабахш дар раванди таълим васеъ ҷорӣ карда шавад.

Дар баробари ин таъминоти барномавӣ ва таҷҳизоти озмоишгоҳ барои донишҷӯён ва магистрантон ҷиҳати ташкил ва амалӣ намудани тадқиқоти илмӣ, аз ҷумла таъсиси гурӯҳҳои илмӣ мусоидат менамояд.

Маркази бонки таълимӣ бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти таъмини пешрафти низоми миллии бонкдорӣ ва бо ин роҳ рушди иқтисодиёти рақамӣ дар назди кафедраи фаъолияти бонкии донишгоҳ ташкил гардидааст.

Мақсад аз ташкили ин марказ баланд бардоштани савияи дониши назариявӣ ва амалии донишҷӯён дар самти фаъолияти низоми молиявӣ дар муассисаҳои бонкӣ мебошад. Бо истифода аз имконоти фароҳамгардида минбаъд дар марказ кадрҳои баландихтисоси соҳавӣ омода карда мешавад.

Дар бинои нави таълимӣ инчунин шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим ба фаъолият оғоз намуд.

Ин шуъба ҳамчун ҷузъи таркибии раёсати таълимии донишгоҳ ба шумор рафта, бо мақсади амалӣ намудани нақшаҳои умумидонишгоҳӣ оид ба такмил ва татбиқи барномаҳо ва чорабиниҳо барои назорат ва рушди сифати таълим таъсис дода шудааст.

Бо истифода аз дастгоҳу таҷҳизоти насбшуда дар ин шуъба мутахассисон раванди сифати иҷрои барномаҳои таълимиро дар сохтори муассиса назорат карда, фаъолияти он тибқи талаботи барномаи идоракунии сифати таҳсилот барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст. Шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим дорои ҳуҷраи корӣ алоҳида буда, он бо таҷҳизот ва маводҳои зарурӣ таъмин гардидааст.

Таъкид кардан ба маврид аст, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дорои 5 бинои таълимӣ, 6 факултет, 19 кафедраи тахассусӣ ва 8 кафедраи умумидонишгоҳӣ мебошад. Дар ин муассисаи таълимӣ мутахассисони соҳаи молия, иқтисод, технологияҳои инноватсинонию коммуникатсионӣ, ҳуқуқи иқтисодӣ ва фаъолияти гумрукию оморӣ омода карда мешаванд.

Дар донишгоҳ 19 доктори илм, 140 номзади илм, 215 муаллими калону ассистент ва дар умум 373 омӯзгор ба 9 ҳазору 468 донишҷӯ дарс медиҳанд.

Иттилоъ дода шуд, ки дар соли таҳсили 2022-2023 дар асоси нақша, қабули довталабон ба донишгоҳ аз рӯи 6 ихтисоси нав, аз ҷумла иқтисоди рақамӣ, бехатарии иқтисодӣ, идораи давлат ва ҳуқуқ, амнияти компютерӣ, кибернетикаи иқтисодӣ ва идораи давлатӣ ба роҳ монда шудааст. Айни ҳол дар донишгоҳ 2300 адад таҷҳизоти муосири информатсионию коммуникатсионии навъи гуногун мавҷуд мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз таъсиси озмоишгоҳҳои замонавӣ ва марказҳои инноватсионии аз худ кардани малакаҳои касбӣ барои донишҷӯён дар бинои нави таълимии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ карданд.

www.president.tj



ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН «ДАР БОРАИ САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶИИ ҶУМҲУРӢ»

23.12.2022, шаҳри Душанбе

Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!

Ҳамватанони азиз!

Соли 2022 барои Тоҷикистони мо, дар маҷмӯъ, соли бобарор буд.

Ба шарофати заҳмати содиқонаи мардуми кишвар раванди созандагиву ободкорӣ бомаром идома ёфта, нақшаву барномаҳои пешбинигардида ҷиҳати таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони мамлакат ҳадафмандона амалӣ карда шуданд.

Чунонки ба ҳама маълум аст, солҳои охир вазъи сиёсиву иқтисодии ҷаҳон хеле мураккаб гардида, ҳоло инсоният дар давраи ниҳоят ҳассос ва душвортарини таърихи қариб сад соли охири худ қарор дорад.

Аз ҷумла, дар панҷ соли охир таъсири манфии бархӯрдҳои геосиёсӣ, низоъҳои тиҷоратӣ, паҳншавии бемориҳои сироятӣ, инчунин, пайомадҳои тағйирёбии иқлим ба иқтисоди кишварҳои ҷаҳон шиддат ёфта, яроқнокшавии бошитоб ва оғози марҳалаи «ҷанги сард» боиси халалдор шудани низоми муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратии байни давлатҳо ва ба вуқӯъ омадани буҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ гардид.

Бахусус, соли 2022 таҳримҳои иқтисодиву тиҷоратӣ вусъат гирифта, занҷираҳои мавҷудаи таъминоти молу маҳсулот канда шуданд, истеҳсоли маҳсулот коҳиш ёфт ва нархҳо, махсусан, нархи маводи ғизоӣ ба таври бесобиқа боло рафтанд.

Сарфи назар аз таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллии мо, дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардида, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард ба 115 миллиард сомонӣ расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт.

Аз ҷумла соли 2022 корҳо ҷиҳати устувор нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, коҳиш додани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, фаъолияти босуботи низоми бонкӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноативу кишоварзӣ, беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ тақвият пайдо карда, рушди иқтисоди миллӣ дар сатҳи 8 фоиз таъмин карда шуд.

Дар панҷ соли охир сатҳи некуаҳволии мардум тадриҷан баланд шуда, даромади пулии аҳолӣ аз 41,1 миллиард сомонии соли 2018 ба 87 миллиард сомонӣ дар соли 2022 расонида шуд, яъне 2,1 баробар зиёд гардид.

Музди миёнаи меҳнат дар кишвар якуним баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,3 баробар афзоиш ёфт.

Дар натиҷа сатҳи камбизоатӣ аз 27,4 фоизи соли 2018 то 22,5 фоиз дар соли 2022 коҳиш дода шуд.

Дар ин давра беш аз 900 ҳазор, аз ҷумла дар соли 2022-юм 190 ҳазор ҷойи корӣ нав таъсис дода шуд, ки ба беҳтар гардидани вазъи шуғли аҳолӣ дар кишвар мусоидат намуд.

Ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ аз 9,1 миллиард сомонии соли 2018 то 14,7 миллиард сомонӣ дар соли 2022 ё 62 фоиз зиёд гардид.

Дар панҷ соли охир танҳо барои рушди соҳаҳои маориф ва тандурустӣ 36 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳиссаи маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ 44 фоизро ташкил кард.

Дар давраи зикршуда аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 842 бинои муассисаи таълимӣ барои 382 ҳазор хонанда, аз ҷумла дар соли 2022-юм 190 бинои таълимӣ барои 87 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст.

Ҳамзамон бо ин, ба маълумоти вакилони муҳтарам ва ҳамватанони азиз расонида мешавад, ки дар 31 соли истиқлоли давлатӣ 3430 муассисаи нави таълимӣ барои қариб якуним миллион хонанда сохта, ба истифода дода шуд.

Ҳол он ки дар 70 соли замони гузашта ҳамагӣ 3229 муассисаи таълимӣ бунёд гардида буд.

Бо вуҷуди ин, корҳои то имрӯз дар ин самт амалигардида ҳоло ҳам басанда нестанд.

Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар 2 миллиону 300 ҳазор нафар хонандагон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Соли 1991 ин нишондиҳанда ҳамагӣ 1 миллиону 325 ҳазор нафарро ташкил медод.

Инчунин, агар то соли 1991, яъне дар 70 соли замони гузашта дар мамлакат ҳамагӣ 2862 муассисаву иншооти тандурустӣ бо 52 ҳазору 800 нафар корманд фаъолият дошта бошад, пас дар даврони соҳибистиқлолӣ, хусусан, дар 25 соли охир 2827 муассисаву иншооти тандурустӣ сохта, ба истифода дода шудааст.

Ҳоло шумораи муассисаҳои тандурустии мамлакат нисбат ба соли 1991 қариб ду баробар зиёд гардида, ба 5116 ва кормандони онҳо ба 79 ҳазор расидааст.

Ҳамчунин, дар панҷ соли охир аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузории буҷети давлатӣ барои дастгирии табақаҳои осебпазири аҳолӣ тавассути пардохти нафақа, кумакпулӣ ва ҷубронпулиҳо, нигоҳдории муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва уҳдадориҳои дигар зиёда аз 19 миллиард сомонӣ, аз ҷумла танҳо дар соли 2022-юм 4,3 миллиард сомонӣ равона карда шуд.

Дар баробари ин, то охири соли 2022 ба 475 ҳазор шаҳрванди эҳтиёҷманди кишвар, аз ҷумла кӯдакони ятим ва бесаробон, маъюбон, оилаҳои камбизоат ва гирандагони нафақаи иҷтимоӣ кумаки молиявии яквақта дар ҳаҷми 600 сомонӣ иловатан пардохт карда мешавад ва ба ин мақсад 285 миллион сомонӣ равона мегардад.

Тавре ки борҳо зикр намудам, ҳадафи олии давлат ва Ҳукумати мамлакат мунтазам баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми азизамон мебошад.

Дар робита ба ин, Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки пешрафти устувори минбаъдаи иҷтимоиву иқтисодии кишварро нигоҳ дошта, соли 2023 суръати рушди иқтисодиро дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин намояд.

Дар ин замина, соли 2023 даромади умумии пулии аҳолӣ 15 фоиз

афзоиш ёфта, ба 100 миллиард сомонӣ баробар мегардад.

Бо ин мақсад, такроран таъкид менамоям, ки бояд таваҷҷуҳи асосӣ ба рушди босуботи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба он, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти содирот, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидан ба раванди рақамикунонии бахшҳои иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ равона карда шавад.

Вазорати рушди иқтисод ва савдо якҷо бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади татбиқи ҳадафу афзалиятҳои рушд бояд раванди банақшагирии стратегиро дар ҳамаи сатҳҳои идоракунии давлатӣ пурра ҷорӣ карда, барои иҷрои нишондиҳандаҳои дар ҳуҷҷатҳои барномавӣ пешбинишуда тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намояд.

Барои нигоҳ доштани рушди босуботи иқтисодӣ, таъмин намудани устувории молияи давлат, афзоиши даромад ва баланд бардоштани самаранокии буҷет заминаи зарурии қонунгузорӣ фароҳам оварда шуда, корҳо дар самти мукаммал гардонидани низоми миллии молия ва андоз идома доранд.

Дар натиҷаи тадбирҳои амалишуда ҳаҷми буҷети давлатӣ ҳамасола афзоиш ёфта, дар соли 2022 қисми даромади он ба 33 миллиард сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли 2018-ум 38 фоиз зиёд мебошад.

Вазорати молияро зарур аст, ки тибқи принсипҳои банақшагирии стратегӣ ва низоми байналмилалии баҳисобгирии молиявӣ минбаъд низ доир ба масъалаҳои интизоми молиявӣ, тақсимоти самараноки захираҳо, шаффофияту тобеият ва таҳияи босифати буҷети давлатӣ, инчунин, рақамикунонии соҳа чораҳои амалӣ андешад.

Кумитаи андоз вазифадор карда мешавад, ки якҷо бо мақомоти марбута ҷиҳати беҳтар гардонидани хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ, мукаммалсозии маъмурикунонии андоз ва дар ин замина бартараф намудани таъсири омили инсонӣ ба раванди андозсупорӣ, инчунин, истифодаи ҳатмии дастгоҳи назоративу хазинавии дар реҷаи вақти воқеӣ амалкунанда ва низоми хазинаҳои маҷозӣ ҳангоми анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ бо аҳолӣ тадбирҳои иловагиро амалӣ гардонад.

Дар самти сиёсати пулию қарзӣ нигоҳ доштани устувории қурби пули миллӣ, баланд бардоштани қобилияти пардохти низоми бонкӣ, дар сатҳи пешбинишуда нигоҳ доштани таваррум, инчунин, таъмин намудани фаъолияти самараноки низоми пардохтҳо аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим боқӣ мемонанд.

Дар соли 2022 қурби пули миллӣ муътадил нигоҳ дошта шуда, сатҳи таваррум 4,2 фоизро ташкил намуд.



Вале хавфҳои эҳтимолӣ водор месозанд, ки дар ин ҷода тадбирҳои таъхирнопазир андешида шаванд.

Дар охири соли 2022 бақияи умумии пасандозҳои аҳолӣ ва шахсони ҳуқуқӣ дар бонкҳои кишвар 13 миллиард сомониро ташкил дод.

Ҳарчанд ки нишондиҳандаи мазкур нисбат ба соли 2021-ум қариб 28 фоиз зиёд мебошад, вале ҳанӯз ба талабот дар самти рушди фаъолияти низоми бонкӣ ҷавобгӯ нест.

Ҳаҷми қарзҳои дар соли 2022 аз ҷониби низоми бонкии кишвар ба аҳолӣ ва соҳибкорон додашуда 14,1 миллиард сомониро ташкил кард, ки дар муқоиса бо соли 2018-ум 85 фоиз зиёд мебошад.

Ҳамчунин, дар панҷ соли охир шумораи қарзгирандагон аз 564 ҳазори соли 2018 то ба 2 миллиону 336 ҳазор дар соли 2022 расида, 4,1 баробар афзоиш ёфтааст, ки фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ ва соҳибкоронро нишон медиҳад.

Дар ин давра ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 55 миллиард сомониро ташкил кард, ки 36 фоизи он ба соҳибкории истеҳсолӣ рост меояд.

Лекин ин нишондиҳандаҳо барои расидан ба ҳадафҳои стратегии мо, аз ҷумла саноатикунонии босуръат ҳоло ҳам нокифоя мебошанд.

Таъкид менамоям, ки масъалаи таъмини саривақтии талаботи иқтисодиёт ба маблағгузорӣ, хусусан, қарздиҳӣ бояд ҳамеша дар меҳвари фаъолияти низоми молия ва бонкҳои кишвар қарор дода шавад.

